INNOVATIVE WORLD
Ilmiy tadqiqotlar markazi

# INNOVATSION TALABALAR AXBOROTNOMASI



https://innoworld.net

+998335668868

ILMIY JURNAL

JOURNALS MASTER LIST ISSN doi zenodo OpenAIRE

Academic Resource Index ResearchBib Google Scholar open access.nl

# INNOVATSION TALABALAR AXBOROTNOMASI

## 3-JILD, 6-SON
## 2026

**Jurnal quyidagi xalqaro bazalarda indekslanadi:**

Google Scholar, doi digital object identifier, ResearchGate, zenodo, ADVANCED SCIENCE INDEX, OpenAIRE, Academic Resource Index ResearchBib, DRJI Directory of Research Journals Indexing

**Ilmiy jurnalning rasmiy sayti:**
**www.innoworld.net**

**O'ZBEKISTON-2026**

# ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ЮНУСИ ИМОМНАЗАР

**Раззоқова Ноила Турдимуродовна**
донишҷӯи курси 4-уми Институти забон ва фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ (шӯъбаи тоҷикӣ) Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

**Аннататсия:** дар ин мақола оиди фаъолияти эҷодии яке аз намояндаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон Юнуси Имомназар маълумот дода шудааст. Дар эҷодиёти адиб жанри қисса ва ҳикоя мавқеи хосса дошта, мақсади асосии мо маҳорати нависандаро дар ин жанри суннатӣ таҳлилу баррасӣ нумуда, навовариҳои адибро дар ин ҷода нишон додан аст.

**Вожаҳои калиди:** Юнуси Имомназар, наср, жанр, ҳикоя, қисса, "Аз санг сахт аз гул нозук'' "Марзи умед".

**Annotatsiya:** Ushbu maqolada zamonaviy fors va tojik adabiyotining ko'zga ko'rinadigan namoyandalaridan biri, O'zbekiston adabiy havzasining yangi va yangicha ijodkor yozuvchisi Yunusi Imomnazar faoliyati va ijodi haqida ma'lumot berilgan.ӣ Adib ijodida qissa va hikoya janrlari alohida o'rin egallaydi. Bizning asosiy maqsadimiz - yozuvchining ushbu an'anaviy janrlardagi mahoratini hamda u tomonidan kiritilgan yangiliklarni tahlil va tadqiq etishdan iborat.

**Kalid so'zlar:** Yunusi Imomnazar, nasr, janr, hikoya, qissa, "Toshdan qattiq, guldan nozik", "Umid sarhadi".

Дар давраи навин, ки онро адабиётшиносон бо истилоҳи адабиёти овони истиқлол ба забон мебаранд, дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол нависандагону шоирони хубу соҳибистеъдоде ба миён омаданду пояҳои назму насри моро устувор сохтанд. Ин ҷо номи Юнуси Имомназарро орем хато намекунем. Устод Юнуси Имомназар яке аз адибони шинохта ва номдори мо ба шумор меравад, ки пайваста барои ғановати адабиёти форсию тоҷикӣ заҳмат мекашад. Эҷодиёти нависанда дар давраи навини адабиёти тоҷики Ӯзбекистон ташаккул ёфта ва босамар гаштааст. Хуб, Юнуси Имомназар кист ва барои босамар гаштани адабиёт чиҳо кардааст?

Юнуси Имомназар 1- уми декабри соли 1964 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато дар оилаи шифокор ба дунё омадааст. Нурато дар он вақтҳо мутааллиқ ба Самарқанд буд ва ҳоло қаламрави вилояти Навоӣ мебошад.

Нависанда аз соли 1972 то соли 1982 дар мактаби миёнаи рақами 43-и зодгоҳаш таҳсил гирифтааст ва баъдан ба шӯъбаи форсии факултаи Забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил мешавад. Солҳои 1984-1986 ба сафи неруҳои мусаллаҳи Шуравии собиқ даъват мешавад ва дар Олмони шарқӣ дар воҳиди низомии ҳавонавардӣ хидматро адо мекунад. Сипас, таҳсили худро дар донишгоҳ идома дода, онро соли 1989 бо ихтисоси филолог-муаллими забону адабиёти тоҷик ва забони форсӣ ба поён мерасонад.

Фаъолияти кории Юнуси Имомназар аз соли 1989 оғоз меёбад. Як сол дар мактаби миёнаи деҳаи Қандак, ки марбут ба шуъбаи маорифи шаҳри

Роғуни Тоҷикистон буд, аз фанҳои забону адабиёти тоҷик ва забони форсӣ дарс медиҳад. Соли 1990 пас аз вафоти падар ба зодгоҳаш, яъне деҳаи Эҷ ба канори модар бар мегардад. Дар мактаби миёнаи рақами 43-и ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ, ки худи нависанда ҳамин ҷоро хатм карда буд то соли 1996 бо касби омӯзгорӣ машғул мешавад.

Соли 1996 моҳи апрел бо талаби риёсати шуъбаи тоҷикии Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Ӯзбекистон ба шаҳри Тошканд меояд. Юнуси Имомназар то соли 2000 дар шӯъбаи тоҷикӣ ҳамчун муҳаррир ва мутарҷим дифои вазифа мекунад. Вақте ки ширкати байналмилалии "Шимбор''-и Ҷумҳурии Исломии Эрон фаъолияти густурдаи худро дар бахши обрасонӣ оғоз менамояд, Юнуси Имомназар ҳамчун мутарҷим ба он ҷалб карда мешавад. Ӯ то ҳол дар ширкати номбурда ҳамчун коргузори илмӣ ва мутарҷим фаъолият дорад.

Ин аст зиндагиномаи мухтасари нависандаи мо, ки меҳри қаламу қоғаз ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ дар дили ӯ ҷӯш мезад ва бо фаро гирифтани донишҳои мактабиву донишгоҳӣ ва мутолиаи асарҳои илмиву бадеӣ ба шоҳроҳи эҷод дохил мегардад.

Устод Юнуси Имомназар аз адибони соҳибқалами тоҷики муқими ҷумҳурии Ӯзбукистон мебошад, ки адабиёти даврони истиқлоли моро бидуни эҷодиёти бою рангини ӯ тасаввур кардан муҳол аст. Адиб ҳанӯз дар овони кӯдакӣ ба шеър гуфтану мақола ва ҳикоянависӣ майлу шавқи зиёд дошт. Нависанда бештар дар солҳои омӯзгорӣ, ба хусус, ҳангоми фаъолияти рӯзноманигорӣ бо ҳикоянависиву мақоланавсӣ машғул мешавад. Жанрҳои ҳикоя ва қисса дар осори Юнуси Имомназар мавқеи калон доранд. Дар ҳикояҳои ӯ тазодҳои зиндагӣ бо шаклу услуби нав дар симоҳои қаҳрамонони асар инъикос ёфтааст. Адиб кӯшидааст, ки дар ҳикояҳояш бидуни шарҳу тафсили зиёдатӣ ба баёни воқеа пардозад. Дар навиштаҳояш муколамаи зиндаи одамонро меорад, ки аз афзалиятҳои насри ӯст. Юнуси Имомназар аз нависандагони сермаҳсуле мебошад, дар ҳамаи анвои наср мисли ҳикоя, қисса ва роман эҷод намудааст ва навиштаҳояш дар матбуоти даврӣ ба нашр мерасанд.

Юнуси Имомназар моҳи феврали соли 2020 ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон дохил шуд. Моҳи июни соли 2021 аз тарафи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба ӯ ҷоизаи адабии "Нишони сухан''-ро доданд ва моҳи декабри соли 2021 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд.

Чуноне ки дар боло таъкид карда гузаштем жанри ҳикоя ва қисса дар эҷодиёти нависанда мавқеи асосиро ишғол мекунад. Юнуси Имомназар бо воситаи ин жанрҳо аз дили хонандагон ҷо гирифтааст. Ӯ дар ҳикояву қиссанавсӣ анъанаи нависандагони классику муосирро давом дода, ба мазмуну мундариҷаи ин ду жанр навовариҳо ҳам дохил кардааст. Анъанаву навоварӣ шарти асосии мавҷудияти адабиёти бадеӣ ва тараққиёти он аст. Аз

ин ҷиҳат ҳеҷ адабиётро бидуни анъанаву навоварӣ тасаввур намудан мумкин нест. Инро нависанда ҳам хуб дарк намудааст ва ба он амал ҳам кардааст. Ин масъалаҳоро дар мисоли ду асари машҳури нависанда "Аз санг сахт аз гул нозук'' ва "Марзи умед'' дида мебароем.

"Аз санг сахт аз гул нозук" китоби дувумини адиб буда, соли 2010 чоп шудааст. Ин китоб осори дар солҳои мухталиф эҷодкардаи нависандаро, ки иборат аз ҳикояҳо, қиссаҳо, мақолаҳои публитсистӣ, фарҳангӣ ва таҳлилӣ аст фаро мегирад. Юнуси Имомназар кӯшиш менамояд, ки воқеаҳои зиндагии муосир, тағйироти ҷомеа, мушкилоти инсон ва ҷаҳонбинии навро дар асари худ инъикос намояд. Аз ҳамин сабаб мазмун ва мундариҷаи қиссаву ҳикояҳои адиб аз қиссаву ҳикояҳои адибони даврҳои пешин то андозае фарқият дорад. Дар ҳикояҳои ӯ масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, маънавӣ ва равонӣ бештар ба назар мерасад. Нависанда зиндагии воқеии инсон муҳоҷират, муносибатҳои байни одамон, таъсири техника ва интернетро мавриди тасвир қарор медиҳад. Қаҳрамонҳое, ки Юнуси Имомназар дар ҳикояҳояш тасвир кардааст бештар одамони оддӣ мебошанд, ки дар зиндагӣ ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва роҳи ҳал меҷӯянд. Боз аз хусусиятҳои муҳими ҳикояҳои адиб дар он аст, ки ӯ бештар ба олами ботинии инсон таваҷҷӯҳ мекунад. Эҷодкор ҳиссиёт, андеша, орзу ва изтиробҳои қаҳрамонҳоро бо услуби содда ва таъсирбахш нишон медиҳад. Дар бисёр ҳикояҳои қаламкаш масъалаҳои ахлоқӣ, аз ҷумла инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон, масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд, меҳрубонӣ ба атроф мавқеи муҳим доранд.

Масалан, дар ҳикояи "Ғафлат" аз сабаби молпарастии зан ва беэътибории падару модар ба тарбияи фарзанд парокандагии оиларо дидан мумкин аст. Ҳикоя дар бораи оилаи тоҷикест, ки барои зиндагии беҳтар аз Самарқанд ба Олмон меравад. Ирода орзуи зиндагии бой ва аврупоиро дошт ва шавҳарашро водор мекунад, ки Ватанро тарк намоянд. Онҳо дар Олмон зиндагӣ карда, солҳои зиёд ба кори вазнин машғул мешаванд. Аз сабаби серкорию беэътиноӣ ба тарбияи духтарашон Амина бо фарҳанги бегона ба воя мерасад ва аз забон, одобу анъана ва арзишҳои миллӣ дур мешавад.

Падар вақте мебинад, ки духтараш ба сухани ӯ гӯш намедиҳад ва ҳатто худро аз падару модар бегона меҳисобад, сахт пушаймон мегардад. Ӯ дарк мекунад, ки барои ҷамъ кардани молу сарват тарбияи фарзандро фаромӯш кардааст. Дар охир падар дилшикаста ба Самарқанд бармегардад ва мефаҳмад, ки меҳру муҳаббат, одоб, вафо ва арзишҳои миллӣ аз ҳар гуна сарват болотаранд.

Ғояи асосии ҳикоя он аст, ки падару модар бояд пеш аз ҳама ба тарбияи фарзанд аҳамият диҳанд ва фарзандонро аз фарҳанг, забон ва суннатҳои миллӣ дур насозад.

Нависанда дар ҳикояҳояш бештар ба масъалагузорӣ диққат медиҳад. Ба мавзӯъ ва муаммоҳое даст мезанад, ки замон ҳалли онҳоро ба миён

гузоштааст. Масалан, ҳикояи "Тақдири шум''-ро гирем, хулосаи сюжети он чунин аст:

Ҳикояи «Тақдири шум» саргузашти пурдарду алами духтаре бо номи Санамҷон мебошад, ки дар муҳити носолими оилавӣ ба воя мерасад. Нависанда тавассути қисмати талхи қаҳрамон масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва ахлоқиро ба миён мегузорад. Мавзӯи асосии ҳикоя таъсири бади майнӯшӣ, бераҳмии оилавӣ ва беэътиноӣ ба тарбияи фарзанд аст. Дар асар нишон дода мешавад, ки зӯроварӣ ва носозгории оила метавонад сарнавишти инсонро вайрон созад. Санамҷон духтари меҳрубон, покдил ва ғамхор аст. Ӯ модарашро бисёр дӯст медорад ва баъди марги модар худро танҳо ҳис мекунад. Аз муҳаббати модар маҳрум шуда, баъдан аз падар низ дур мегардад. Танҳоӣ ва эҳтиёҷ ба меҳрубонӣ ӯро фирефтаи Ҳасанбой мекунад. Падари Санамҷон шахси майнӯш ва бераҳм аст. Ӯ бо рафтори дағалонааш сабаби марги ҳамсараш мегардад. Гарчанде баъдтар пушаймон мешавад, аммо дигар дер шудааст. Нависанда тавассути ин образ оқибатҳои нӯшокӣ ва бемеҳриро нишон медиҳад. Ҳасанбой ҷавони фиребгар ва бемасъулият аст. Ӯ аз эҳсоси поки Санамҷон истифода бурда, баъд аз ҳомиладор шудани духтар ӯро тарк мекунад. Ин образ нишонаи ҷавонони бевафо ва худхоҳ мебошад.

Ғояи ҳикоя аз он иборат аст, ки инсон бояд дар зиндагӣ эҳтиёткор бошад, ба ҳар кас зуд бовар накунад ва арзишҳои ахлоқиро нигоҳ дорад. Ҳамчунин, нависанда таъкид мекунад, ки муҳити оила ва тарбияи дуруст дар сарнавишти фарзанд нақши бузург доранд.

Ҳикояи «Тақдири шум» асари таъсирбахш ва пандомӯз аст. Он хонандаро ба андеша водор мекунад, ки майнӯшӣ, зӯроварӣ ва фиреб оқибати бад доранд. Асар ҷавононро ба покдоманӣ, эҳтиёткорӣ ва қадр кардани меҳру муҳаббати оила даъват менамояд.

Дуюм жанре, ки дар эҷодиёти Юнуси Имомназар мавқеи калонро ишғол мекунад ин жанри қисса мебошад. Жанри қисса дар баробари пешрафти ҷомеа ва тағйир ёфтани он шаклу мазмуни нав пайдо мекунад. Қисса ҳамчун жанри насрӣ имконият медиҳад, ки зиндагии инсон мушкилоти ҷомеа ва ҳолатҳои рӯҳию иҷтимоӣ амиқ инъикос гарданд. Аз ҳамин сабаб нависанда ба ин жанр таваҷҷӯҳи зиёд додааст. Қаламкаш бо истифода аз анъанаҳои адабиёти классикӣ ва услубҳои нави эҷодӣ қиссаҳои пурмазмун офаридааст. Агар дар қиссаҳои адибони пешин бештар воқеаҳои таърихӣ ё қаҳрамонона акс ёфта бошад, дар қиссаҳои Юнуси Имомназар ҳаёти шахси оддӣ дар маркази диққат қарор дорад. Масалан, дар маҷмӯаи "Марзи умед" қиссае бо номи "Қиссаи ҳоҷӣ" ҷой дорад, ки адиб пас аз сафари Ҳаҷ ба навиштани он азм намудааст. Нависанда дар ин қисса тавонистааст бо нигоҳу ҷаҳонбинии амиқи бадеӣ масъалаҳои муҳими маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад. "Қиссаи ҳоҷӣ" на танҳо тасвири сафари зоҳирии инсон ба зиёрати Хонаи Худо, балки инъикоси сафари ботинӣ ва таҳаввулоти рӯҳиву фикрии шахсият мебошад. Муаллиф ба

воситаи образи ҳоҷии тасодуфӣ нишон медиҳад, ки ибодат ва ҳаҷ танҳо бо иҷрои расму оин маҳдуд намешавад, балки инсон бояд бо ихлос, имони комил ва покии қалб ба сӯи Худо рӯ оварад. Аз ҳамин ҷиҳат асар хусусияти панду андарзӣ гирифта, ҳамчун дастури маънавӣ барои ҳар касе, ки орзуи зиёрати Каъбаро дорад, аҳамияти калон касб менамояд.

Дар ин маҷмуа боз як қисса оварда шудааст бо номи «Ҳасрат», ки бо истифода аз жанри тамсил масъалаҳои доғи рӯзро бозтоб мекунад. Нависанда тавассути тимсоли ҳайвонот муносибатҳои печидаи инсонӣ, косташавии арзишҳои ахлоқӣ ва суст гардидани меҳру муҳаббатро дар ҷомеа ба риштаи тасвир мекашад. Муаллиф бо дарду ҳасрат таъкид менамояд, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ инсонҳо бештар худхоҳу манфиатҷӯ гардида, арзишҳои волои инсондӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва меҳрубонӣ тадриҷан коста мешаванд. Аз ин рӯ, асар хонандаро ба андеша водор намуда, ӯро ба ҳифзи асолати маънавӣ ва эҳтироми арзишҳои инсонӣ ҳидоят мекунад.

Хулоса, дар бист соли охир нависандаи пуртаҷрибаи мо муваффақ гашт, ки маҳсули эҷоди худро дар шакли китобҳо ба нашр расонда ва кунун соҳиби чандин маҷмуаҳои мондагоре гардид, ки бешак ҳоло аз дили хонандагон ҷой гирифтааст.

## Адабиёт:

1. Абдухолиқ Набавӣ. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. –Душанбе: Адиб, 2009
2. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. – Душанбе: Маориф, 1999.
3. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. – Душанбе: Маориф, 1991.
4. Бақозода Ҷ. Гузашти айём ва таҳаввули адабиёт. –Душанбе: Деваштич, 2009
5. Имомназар Ю. Сапедадам (Маҷмӯаи мақолаҳо). — Душанбе: Адиб, 2005 -180 с.
6. Имомназар Ю. Роҳи тайшуда (Мунтахаби осор). — Душанбе: Ирфон, 2012. — 240 с.
7. Аъзамзод С. Рӯзноманигори соҳибмактаб // Садои Шарқ. — 2018. — № 5. — С. 112–118.
8. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии рӯзноманигор. — Душанбе: Эҷод, 2008. — 260 с. (Дар ин китоб доир ба сабки нигориши Юнуси Имомназар маълумот оварда шудааст).
9. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. Душанбе, 1990
10. Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон. –Душанбе: Адиб, 1987.
11. Набиев А. Нақди адабӣ ва андешаи миллӣ. — Душанбе: Адиб, 2011. — 320 с.
12. Имомназар Ю. Аз санг сахт, аз гул нозук. — Тошкент: "EXTREMUM PRESS" 2010. — 327 с.
13. Имомназар Ю. Марзи умед (қисса ва ҳикояҳо). — Тошкент: Муҳаррир 2024. — 324 с.